*УДК: 338*
*DOI 10.24412/2411-1945-2023-4-99-106*

# ИСТИФОДАИ САМАРАНОКИ ИҚТИДОРИ ИҚТИСОДӢ - ОМИЛИ АСОСИИ РУШДИ САНОАТИ МИНТАҚА

***Шаропова Насиба Ҳафизовна,** н.и.и., мудири шуъбаи корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва нашриёҳои даврии Филиали Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дар шаҳри Исфара (Исфара, Тоҷикистон)*

# ЭФФЕКТИВНОЕ ИСПОЛЬЗОВАНИЕ ЭКОНОМИЧЕСКОГО ПОТЕНЦИАЛА – ГЛАВНЫЙ ФАКТОР РАЗВИТИЯ ПРОМЫШЛЕННОСТИ РЕГИОНА

***Шаропова Насиба Хафизовна,** канд экон. наук, завотделом научных исследований и периодических изданий филиала Технологического университета Таджикистана в г. Исфаре (Исфара, Таджикистан)*

# EFFICIENT USE OF ECONOMIC POTENTIAL IS THE MAIN FACTOR OF REGIONAL INDUSTRY DEVELOPMENT

***Sharopova Nasiba Hafizovna,** candidate of Economy, Head of the Department of Scientific Research and Periodicals of the Branch of the Technological University of Tajikistan in the city of Isfara (Isfara, Tajikistan) **e-mail:** Sharopova89@inbox.ru*

*Ҳаҷм ва сифати истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ, ҳаҷми сармоягузориҳо ба фондҳои асосӣ ва омилҳои таъсиррасон ба муҳити дохила ва берунаи корхонаҳои саноатӣ баррасӣ гардидааст. Таҳлили захираҳо ва дараҷаи тараққиёти иқтидорҳои корхонаҳои саноатӣ сурат гирифтааст. Тағйирёбии ҳаҷми умумии маҳсулоти саноатӣ ва нишондиҳандаҳои он ба ҳар сари аҳолӣ оварда шудааст. Барои арзёбии рушди ҳар як соҳаи иқтисодиёти минтақа, аз ҷумла саноат омилҳои гуногун, аз қабили истеҳсолӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ таҳлил карда шудааст. Инкишофи корхонаҳои саноатии мавҷуда метавонад ба сифати “муҳаррик” тамоми ҷумҳуриро аз буҳрони тӯлонӣ раҳо дода, рушди иқтисодии устуворро таъмин намояд.*

***Калидвожаҳо:** саноат, комплекси саноатӣ, рушди саноат, иқтидори саноатӣ, корхонаҳои саноатӣ, захираҳои иқтисодӣ, рушди корхонаҳои саноатӣ*

*Рассматриваются объем и качество производства промышленной продукции, объем инвестиций в основной капитал и факторы, влияющие на внутреннюю и внешнюю среду промышленных предприятий. Проведен анализ ресурсов и степени развития мощностей промышленных предприятий. Представлены изменения общего объема промышленного производства и его показателей на душу населения. Для оценки развития каждой отрасли экономики региона, в том числе промышленности, были проанализированы различные факторы: производственный, экономический и социальный. Подчёркивается, что развитие существующих промышленных предприятий может послужить «двигателем» для выхода всей республики из затяжного кризиса и обеспечения устойчивого экономического развития.*

***Ключевые слова:** промышленный комплекс, промышленное развитие, промышленный потенциал, промышленные предприятия, экономические ресурсы, развитие промышленных предприятий*

*The article dwells on the volume and quality of industrial production, the volume of investment in fixed capital and factors influencing the internal and external environment of industrial enterprises. An analysis of resources and the degree of development of industrial enterprises'*

*capacities was carried out. Changes in the total volume of industrial production and its indicators per head are presented. To assess the development of each sector of the region's economy, including industry, various factors were analyzed: production, economic and social. It is emphasized that the development of existing industrial enterprises can serve as an "engine" for the entire republic to emerge from a protracted crisis and ensure sustainable economic development.*

***Key-words:*** *industrial complex, industrial development, industrial potential, industrial enterprises, economic resources, development of industrial enterprises*

Саноатикунонии босуръати кишвар ҳамчун ҳадафи чоруми миллӣ бо мақсади ҳалли масъалаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ва таъсиси ҷойҳои корӣ эълон гардид. Вобаста ба ҳамин Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Паёми соли 2018 қайд намуд, ки бояд то соли 2030 ҳиссаи соҳаи саноат дар маҷмуи маҳсулоти дохилӣ ба 22 фоиз расонида шавад. [1]

Саноат ҳамчун соҳаи муҳимтарини хоҷагии халқ асоси иқтидори иқтисодӣ ва мудофиавии мамлакат мебошад. Фаъолияти пурсамари саноат ба тақсимоти оқилонаи қувваҳои истеҳсолкунанда, ҳамаҷониба тараққӣ додани минтақаҳои иқтисодии мамлакат, истифодаи мақсадноки сарватҳои бойи табиӣ мусоидат менамояд. Саноатикунонии босуръат ба таъмини рушди устувори саноат, рушди иқтисодиёт, ташкили ҷойҳои корӣ, баланд бардоштани иқтидори содиротии мамлакат ва рақобатнокии он заминаи мусоид фароҳам меорад.

Саноат яке аз соҳаҳои асосӣ ва яке аз воситаҳои муҳимми ҳамгироии кишвар ба иқтисоди ҷаҳонӣ ба ҳисоб меравад. Барои фаъолияти пурсамари иктисодиёти як давлат кори бомуваффақияти тамоми соҳаҳои хоҷагии халқ зарур аст. Танҳо минтақаҳое, ки дар онҳо маҷмааи саноатӣ рушд кардааст, метавонанд суръати баланди рушди иқтисодиро нигоҳ дошта, сатҳи зиндагии мардумро таъмин намоянд [2, с.6].

Комплекси саноатӣ соҳаи пешбарандаи иқтисодиёт буда, ба дараҷаи тараққиёти қувваҳои истеҳсолкунандаи ҷамъият таъсири ҳалкунанда мерасонад. Нишондиҳандаҳои асосии соҳаи саноат: ҳаҷм ва сифати истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ, дараҷаи дониши мутахассисони соҳаи комплекси саноатӣ дар маҷмуъ ва ҳаҷми сармоягузориҳо ба фондҳои асосӣ мебошанд, ки аз рушди омилҳои зерин вобаста аст:

1. Ҳиссаи асосии маҳсулоти дохили ва миллӣ, ки дар соҳаи саноат ба вуҷуд оварда мешавад [3, с.167].

2. Нақши соҳаҳои пешбарандаи саноат, ба монанди мошинсозӣ, химия, мудофиа ва ғайра дар таҷдиди техникаи дигар соҳаҳои хоҷагии халқ зоҳир мегардад, ки бе он пешрафти илму техника ва такрористеҳсоли васеъ имконнопазир аст.

3. Саноат дар тараққиёти бахшҳои истеҳсолӣ, ҷорӣ намудани усулҳои пешқадами истеҳсолот ва хоҷагидорӣ нақши асосӣ дорад.

4. Саноат қобилияти мудофиавии давлатро таъмин намуда, барои тараққӣ додани комплекси ҳарбию саноатӣ имконият медиҳад ва бо ҳамин амнияти миллиро таъмин менамояд.

5. Тараққиёти саноати сабук ва хӯрокворӣ ба таъмини амнияти озуқаворecho мамлакат ва бо молҳои хушсифат таъмин кардани аҳолӣ имконият медиҳад.

Комплекси саноатӣ қисми ҷудонашавандаи иқтисодиёти минтақа мебошад. Барои равандҳои инноватсионӣ ва сармоягузорӣ заминаи моддӣ ба вуҷуд меорад. Суръати пешрафти илму техника ва тараққиёти иқтисодиёт ба дараҷаи тараққиёти комплекси саноатӣ вобаста аст [4, с.47]. Он дар натиҷаи тараққиёти бисёрсолаи ҳудудӣ (фазоӣ), технологӣ, иктисодӣ, инчунин инкишофи муносибатҳои ҷамъиятию истеҳсолӣ рушд меёбад. [5, с.37] Ҳамин тавр, тараққиёти иқтисодиёти минтақа бевосита ба вазъияти саноати

он вобаста аст. Ин гуфтаҳоро маълумоти оморӣ тасдиқ мекунанд. Дар расм муқоисаи афзоиши истеҳсолоти саноатӣ бо афзоиши маҷмуи маҳсулоти минтақавии вилояти Суғд дар солҳои 2016-2021 оварда шудааст. [6]

***Ҷадвали 1***

***Тағйирёбии ҳаҷми умумии маҳсулоти саноатӣ дар вилояти Суғд***

| Нишондиҳандаҳо | Солҳо | | | | | | 2021 нисбат ба соли 2016 бо %. |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | |
| Шумораи корхонаҳо | 604 | 597 | 633 | 657 | 693 | 733 | 202,8 |
| Ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ (бо нархи соли 2020), млн. сомонӣ | 9019,6 | 11860,8 | 12560,6 | 13967,4 | 16216,2 | 21064,8 | 233,5 |
| Шумораи миёнаи солонаи ҳайъати истеҳсолии саноатӣ, нафар | 30156 | 32068 | 28286 | 35091 | 33236 | 32486 | 107,8 |
| Шумораи коргарон | 25477 | 27228 | 23525 | 24771 | 25539 | 27776 | 109,1 |
| Ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ ба ҳар сари ҳайъати истеҳсолии саноатӣ (сомонӣ) | 299098,1 | 369864,2 | 444057,1 | 398033,6 | 487910,6 | 648427,1 | 216,7 |
| Ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ ба ҳар сари коргар (сомонӣ) | 354029,2 | 435610,4 | 533925,6 | 563860,9 | 634958,2 | 758381,3 | 214,2 |
| Шумораи ҳайъати истеҳсолии саноатӣ ба ҳисоби миёна ба ҳар як корхона | 50 | 54 | 45 | 53 | 48 | 44 | 88 |
| Шумораи коргарон ба ҳисоби миёна ба ҳар як корхона | 42 | 46 | 37 | 38 | 37 | 38 | 90,4 |

***Сарчашма:*** *Омори солонаи вилояти Суғд. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.- Хуҷанд, 2022.- С. 257.*

Додаҳои ҷадвали 1 собит месозанд, ки дар давоми давраи мавриди таҳлил шумораи корхонаҳои саноатӣ дар вилояти Суғд дар соли 2021 нисбат ба соли 2016 129 адад зиёд шудааст. Аз ҷадвали мазкур мушоҳида кардан мумкин аст, ки дар давоми солҳои 2016-2021 дар корхонаҳои саноатии вилояти Суғд ҳосилнокии меҳнат (ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ ба ҳар сар корманд) рӯ ба афзоиш ниҳодааст. Баробари ин шумораи коргарон ва ҳайъати истеҳсолии саноатӣ вобаста ба ҳар як корхонаи саноатӣ ба коҳиш тамоюл дорад. Новобаста ба ин ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ дар соли 2021 нисбат ба соли 2016 2,3 маротиба афзоиш ёфта, дар ин марҳила шумораи коргарон 109,1% зиёд шудааст.

Аз ин ҷо хулоса баровардан мумкин аст, ки афзоиши ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ дар вилояти Суғд дар давраи солҳои 2016-2021 асосан аз ҳисоби баландшавии ҳосилнокии меҳнати коргарон ба миён омадааст. Баробари ин шумораи миёнаи коргарон дар корхонаҳои

саноатии вилоят коҳиш ёфтааст (Расми 1).

***Расми 1***

***Тағйирёбии ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ***




***Сарчашма:*** *Омори солонаи вилояти Суғд. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.- Хуҷанд, 2022.- С. 257.*

Диаграммаи расми 1 нишон медиҳад, ки ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ ба ҳар сар коргар дар вилояти Суғд дар соли 2016 нисбат ба соли 2021 то 2,1 маротиба афзоиш ёфта, чунин вазъият дар ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ ба ҳар сари ҳайъати истеҳсолии саноатӣ ба назар мерасад (216,7%). Боиси тазаккур аст, ки дар ин марҳила шумораи коргарон ба ҳисоби миёнаи ҳар як корхона ва шумораи ҳайъати истеҳсолии саноатӣ ба ҳисоби ҳар як корхона то 88% ва 94% мувофиқан коҳиш ёфтааст.

Барои арзёбии рушди ҳар як соҳаи иқтисодиёти минтақа, аз ҷумла саноат омилҳои гуногун, аз қабили истеҳсолӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сармоягузорӣ ва ғайраро таҳлил кардан лозим аст. Комплекси саноатиро ҳамчун низоми истеҳсолию иқтисодӣ ба назар гирифта, онро ба омилҳои беруна ва дохила тақсим менамоем.

Ба омилҳои беруна нисбат ба комплекси саноатӣ он омилҳое дохил мешаванд, ки ба раванди ташаккули кластерҳо аз муҳити зист ва ҷомеа таъсир мерасонанд [7, с.355].

Омилҳои беруна нисбат ба комплекси саноатии минтақавӣ инҳоянд:

- омилҳои табиию иқлимӣ (иқлимӣ, ҷуғрофӣ, геофизикӣ, муҳити зист, миқдор ва мавҷудияти захираҳои табиӣ);
- омилҳои сиёсӣ (вазъияти геополитикӣ, суботи сиёсӣ, вазъи байналхалқӣ ва байниминтақавӣ);
- омилҳои иҷтимоӣ (вазъияти иҷтимоӣ, шуғл, вазъи демографӣ, қобилияти харидорӣ, саломатии аҳолӣ);
- фишангҳои танзими давлатӣ (сиёсати пулию қарзӣ, фискалӣ, гумрукӣ, сиёсати зиддиинҳисории давлат, тадбирҳои дастгирии давлатии минтақа, соҳаҳо, иҷозатномадиҳӣ ба фаъолият ва сертификатсияи маҳсулот, назорат оид ба меъёрҳои қоидаҳо);
– омилҳо (мавҷудияти захираҳои истеҳсолӣ ва меҳнатӣ дар минтақа имкониятҳои ҷалби захираҳои молиявӣ);

– бозор (мавҷудияти рақибон ва озодии рақобат, мавҷудияти истеъмолкунандагони серталаби маҳаллӣ, мавҷудияти талаботи махсус ба маҳсулоти корхонаҳои минтақавӣ, ки метавонанд дар бозори ҷаҳонӣ талабот дошта бошанд).

Ба омилҳои асосии дохилии комплекси саноатии минтақавӣ дохил мешаванд:

– алоқаҳои рақобатӣ дараҷаи рақобатро дар дохили комплекси саноатӣ, инчунин байни корхонаю ташкилотҳо тавсиф мекунанд;

- ҳамкориҳо, яъне муносибатҳои истеҳсолие, ки дараҷаи ҳамкориро бо ташкилотҳои хизматрасонӣ ва ёрирасон тавсиф мекунанд;

- алоқаҳои инноватсионие, ки дараҷаи фаъолияти инноватсионии корхонаҳо ва ташкилотҳо, дараҷаи ҳамкории онҳоро бо муассисаҳои таълимию илмӣ ва байни худ аз ҷиҳати ҷорӣ ва паҳн намудани навоварӣ тавсиф мекунанд;

-муносибатҳои меҳнатӣ (кадрӣ), ки дараҷаи ҳамкории корхонаю ташкилотҳоро бо муассисаҳои таълимӣ дар доираи тайёр кардани кадрҳои соҳибихтисос тавсиф мекунанд. [8, с.93]

Ба гурӯҳҳои пешниҳодшуда тақсим кардани омилҳои низомсоз шартӣ аст, зеро онҳо аз бисёр ҷиҳат ба ҳам алоқаманд ва вобастаанд. Аммо чунин гурӯҳҳо имконият медиҳад, ки масъалаҳои муҳимтарине, ки ба самаранокии тараққиёти комплекси саноатии минтақаҳо таъсири калон мерасонанд, арзёбӣ карда шавад.

Рушди иқтисодиёти ҳар як минтақа аз сармоягузорӣ ба фондҳои асосӣ вобастагии калон дорад. Зеро барои баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат дар корхона сифати техникаву технологияҳои инноватсионӣ, рақамӣ ва мутахассисони навовар нақши калидӣ дорад, ки ҳамаи ин тавассути сармоягузориҳои дохиливу хориҷӣ амалӣ карда мешаванд. [9]

Аз ин рӯ, тасмим гирифтем вазъи сармоягузории соҳаи саноати вилояти Суғдро давоми солҳои 2016-2021 дида бароем. [10]

***Ҷадвали 2.***

***Ҳаҷми сармоягузорӣ ба соҳаи саноат дар солҳои 2016-2021***

| **Нишондиҳанда** | **Солҳо** | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | **2016** | **2017** | **2018** | **2019** | **2020** | **2021** |
| **Сармоягузорӣ ба соҳаи саноат (ҳазор сомонӣ)** | 326732,6 | 348754,3 | 367612 | 386524 | 402684 | 416570 |
| **Суръати рушд нисбат ба соли гузашта (бо фоиз)** | 100 | 106,7 | 112,5 | 118,2 | 123,2 | 127,4 |

***Сарчашма:*** *Омори солонаи вилояти Суғд. – Хуҷанд: Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд, 2022. – С. 486-487.*

Ҳаҷми сармоягузорӣ ба соҳаи саноати вилояти Суғд дар панҷ соли охир мусбат арёбӣ гардидааст. Агар дар соли 2016 сармоягузорӣ 326732,6 ҳазор сомониро ташкил дода бошад, пас то соли 2021 ин нишондиҳандаҳоба 416570 ҳазор сомонӣ расидааст, яъне афзоиш нисбат ба соли 2016 1,3 баробар мебошад. Аммо ин нишондиҳанда барои рушди корхонаҳои саноатии вилоят кифоя нест, чунки арзиши воситаҳои истеҳсолӣ, молҳои воридотие, ки имрӯзҳо аз хориҷи кишвар харидорӣ мегардад, басанда намебошад.

Тараққиёти саноатии вилоят Суғд нисбат ба дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ як қатор хусусиятҳои хос дорад. Бино бар ин таҳлил кардани омилҳои тараққиёти комплекси саноатиро ба мақсад мувофиқ мешуморем.

Барои муайян кардани имконияти тараққиёти минбаъдаи комплекси саноатии вилояти Суғд, ба фикри мо, истифодаи SWOT-таҳлил ба мақсад мувофиқ аст. Ин таҳлил имкон

медиҳад, ки ҷиҳатҳои қавӣ ва заиф, имкониятҳо ва таҳдидҳои рушди минтақавиро вобаста ба вазъи муҳити дохилӣ ва беруна муайян намояд.

***SWOT таҳлили рушди комплекси саноатии вилояти Суғд***

| **Тарафҳои қавӣ:** | **Тарафҳои заиф** |
|---|---|
| – тамаркузи иқтидорҳои калони истеҳсолӣ дар минтақа (комплексҳои мошинсозӣ, нафту кимиё, энергетика ва металлургӣ);<br>– захираҳои бузурги энергетикӣ, сӯзишворӣ ва маъданӣ;<br>– мавқеи мусоиди ҷуғрофии минтақа, ки бо Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва Қирғизистон ҳамсарҳад аст;<br>– мавҷудияти кадрҳои баландихтисос барои истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазир дар бозорҳои дохилӣ ва хориҷӣ;<br>– мавҷудияти захираҳои иқтисодии арзон барои татбиқи лоиҳаҳои бузург;<br>– мавҷудияти робитаҳои иқтисодии беруна;<br>– мавҷудияти ширкатҳои муттаҳидшуда;<br>– иқтидорҳои иқтисодӣ барои истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазир. | – буҳрони дарозмуддати иқтисодӣ;<br>– дараҷаи баланди фарсудашавии фондҳои асосии истеҳсолии корхонаҳои саноатӣ (зиёда аз 60 фоиз);<br>– коэффисиенти пасти навсозии фондҳои асосии истеҳсолӣ;<br>– сатҳи пасти даромаднокии сармоя дар корхонаҳои саноатӣ;<br>– ҳиссаи зиёди ашёи хом дар сохтори содироти вилоят;<br>– суст ташаккул ёфтани долонҳои нави нақлиётӣ;<br>– ҳиссаи пасти сармоягузориҳои ҷалбшуда ба фондҳои асосӣ;<br>– мавҷуд будани соҳаҳои кафомонда (маҳсулот аз чуб, лампаҳои каммасраф, либосҳои пахтагин, чарму пойафзол);<br>– дараҷаи пасти ҷорӣ намудани технологияҳои нав дар истеҳсолот;<br>– ҳиссаи пасти соҳаҳои технологияҳои баланд;<br>– вазъияти номусоиди экологӣ. |
| **Имкониятҳо:** | **Таҳдидҳо:** |
| – минтақаи саноатии стратегии ҷумҳурӣ;<br>– рушди инфрасохтори саноатӣ дар шимоли Тоҷикистон;<br>– афзоиши бахшҳои воқеии иқтисодиёт, ки бо инфрасохтори нақлиёт алоқамананданд;<br>– татбиқи иқтидори сармоягузорӣ;<br>– истифодаи иқтидори инноватсионии ҷамъшуда, инчунин таҷрибаи амалии ташкили истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазир барои бозорҳои ҷаҳонӣ;<br>– истифодаи низоми мақсадноки тайёр кардани кадрҳои корхонаҳои саноатӣ;<br>– ташкили кластерҳои рушди саноатии минтақа дар заминаи соҳаҳои пешқадам. | – афзоиши манфиатҳои стратегии давлатҳои хориҷӣ;<br>– истифодаи ғайриоқилонаи захираҳои табиӣ;<br>– таъсири қонунҳои ҷаҳонишавӣ;<br>– муҳосираи долонҳои нақлиётии ҶТ ва самти ҳаракати мол;<br>– ҳаракати пинҳонии сармоя ва захираҳо;<br>– вобастагии натиҷаҳои молиявии корхонаҳои саноатӣ ба карори соҳибони холдинг, ки берун аз худуди минтака воқеъ аст;<br>– паст будани ҳиссаи сармоягузориҳои хориҷӣ, ки дар натиҷа афзоиши сармоягузорӣ ба фондҳои асосии корхонаҳо бо имкониятҳои дохилӣ маҳдуд мегардад. |

Аз SWOT- таҳлили рушди комплекси саноатии вилояти Суғд бар- меояд, ки он захираҳои бойи истеҳсолӣ, мавқеи мусоиди географӣ дорад, ки ба рушди саноати минтақа мусоидат мекунад. Дар асоси натиҷаҳои арзёбӣ қайд кардан лозим аст, ки рушди устувори комплекси саноатии минтақа бештар аз ҷорӣ намудани технологияҳои инноватсионӣ дар фаъолияти истеҳсолии корхонаҳои саноатӣ вобаста аст.

Дар охир якчанд тавсияҳоро, ки ба рушди комплекси саноатии вилоят мусоидат менамоянд, пешниҳод менамоем:

1. Иштироки намояндагони корхонаҳои саноатӣ дар таҳияи барномаҳои мақсадноки давлатӣ;
2. Ҳавасманд намудани фаъолияти инноватсионии корхонаҳои саноатии минтақаҳо;
3. Мониторинги вазъи молиявию иқтисодии корхонаҳои саноатии вилояти Суғд;
4. Анҷом додани корҳо оид ба рушди инфрасохтори саноатӣ;
5. Мунтазам баргузор намудани чорабиниҳо оид ба "Ҳамбастагии илм бо истеҳсолот";
6. Ташкили бозомӯзии кадрҳои соҳаи саноат дар хориҷи кишвар;
7. Ташкили иштироки корхонаҳои саноатӣ дар намоишгоҳҳои ҷаҳонӣ.
8. Омода намудани мутахассисони рақобатпазирӣ бозори меҳнат дар ҳамкорӣ бо корхонаҳои саноатӣ.
9. Ҷалби маблағ аз фондҳои рушди инноватсионӣ, сармоягузории маҳаллӣ ва хориҷӣ.

**_ПАЙНАВИШТ:_**

**1.** *Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.12.2018. [Манбаи электронӣ]. URL: http://www.prezident.tj (санаи муроҷиат: 30.03.2019).*

**2.** *Иншаков, О. В. Этноэкономические риски развития Юга России / О. В. Иншаков, М. Э. Буянова, О. А. Ломовцева // Региональная экономика: теория и практика. – 2007. - № 10 (49). – С. 3-12.*

**3.** *Калинина, А. Э. Закономерности развития и особенности регулирования информационных процессов / А. Э. Калинина // Актуальные проблемы управления социально-экономическим развитием региона: [монография] / под общ. ред. д. э. н., проф. А. Э. Калининой; Гос. образоват. учреждение высш. проф. образования «Волгогр. гос. ун-т». - Волгоград: Изд-во ВолГУ, 2011. – С. 159-188.*

**4.** *Боровик А.С. Концептуальные основы модернизации региональной экономики. // Региональная экономика. – Москва, 2010. - № 25. – С. 46-49.*

**5.** *Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то 2030 [Матн]. – Душанбе, 2016. – 37 с.*

**6.** *Ускова Т.В. Управление устойчивым развитем региона / Т.В.Ускова. – Вологда: ИСЭРТ РАН, 2009. – 355 с.*

**7.** *Ларионов, А. О. Промышленное развитие Вологодской области: стагнация или медленный рост? [Электронный ресурс] / А. О. Ларионов // Вопросы территориального развития. – 2013. – 6.–Режим доступа:http://vtr.isert-ran.ru/file.php? module= Articles &action =view&file=article&aid=3053*

**8.** *Ларионова, О. А. Региональная диверсификация и ее влияние на развитие производства [Текст] / О. А. Ларионова // Организатор производства. – 2009. – № 4 – С. 90–94.*

**9.** *www.president.tj Вохӯрии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон бо саноатчиён ва соҳибкорон. 14.10.2019 (санаи муроҷиат: 30.11.2019).*

**10.** *http:// www.stat.tj Омори солонаи вилояти Суғд.– Хуҷанд, Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд. 2022. – 504 с.*

**_REFERENCES:_**

**1.** *The Message of under the President of Tajikistan Republic, Leader of Nations, excellencyEmomali Rahmon to Majlisi Oli of Tajikistan Republic from 26.12.2018. [Electronic Resource]. URL: http://www.prezident.tj (date of appeal: 30.03.2019).*

**2.** *Inshakov O. V. Ethnoeconomical Risks of Development of South of Russia / O. V. Inshakov, M. E. Buyanova, O. A. Lomovseva // Regional economy: theory and practice. - 2007. - № 10 (49). - PP. 3-12.*

**3.** *Kalinina A.E. Development of Regularity and the Features of Regulations Informational Processes / A. E. Kalinina // Actual problems of management of social-economical development of the region: [monograph] / under the general editorship of doctor of Economy, professor A.E.Kalinina; State Educational Establishment of the Highest Professional Education «Volgograd State University». - Volgograd: Publishing House Volgograd State University, 2011. - PP. 159-188.*

**4.** *Borovik A.S. Conceptual Basis of Modernization of the Regional Economy. // Regional Economy - M., 2010 - № 25. – PP. 46-49.*

**5.** *National Strategy of the Development of Tajikistan Republic for the period of 2030. [Text]. – Dushanbe, 2016. – 37 pp.*

**6.** *Uskova T.V. Managementof Sustainable Development of the Region. // Vologda: ISEDT RAS. 2009. – 355pp.*

**7.** *Larionov A.O. Industrial Development of Vologda Region: stagnation or sluggish growth? [Electronic resource] / A. O. Larionov //Issues of territorial development. – 2013. – 6.–Date of access: http://vtr.isert-ran.ru/file.php? module= Articles &action =view&file=article&aid=3053*

**8.** *Larionova O. A. Regional Diversification and its Influence to the Product Development [Text] / O. A. Larionova // Production organizer. – 2009. – № 4 – PP. 90–94.*

**9.** *www.president.tj Meeting of the founder of Peace and Unity – the Leader of Nations the President of the Republic Emomali Rahmon with Industrialist and Businessmen. 14.10.2019. (date of appeal: 30.11.2019)*

**10.** *http:// www.stat.tj annual Statistics of Soghd Region.– Khujand, Head of the StaticticalAgency under the president of Tajikistan Repulic in Soghd Region. 2022. – 504 pp.*